**Тақриз ба автореферати Раҷабова Марям Садриддиновна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои мансури ирфонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик.**

Навиштани рисолаи илмӣ дар мавзӯи тасаввуф ё осоре, ки дар онҳо андешаҳои тасаввуфӣ ба кор рафтаанд, решаи куҳан дорад ва то имрӯз идома меёбад. Рисолаи илмии унвонҷӯ Раҷабова Марям Садриддиновна, ки заминаи кораш осори тасаввуфист, аз аҳаммияти зиёде бархурдор мебошад. Муаллиф кӯшише кардааст, ки ҷойгоҳи пораҳои манзумро дар осори мансури сӯфиёна муайяну мушаххас намояд. Метавон гуфт, ки дар иҷрои ин кор ба муваффақият ноил гаштааст. Дар рисола аҳаммияту арзиши мавзӯи мавриди таҳқиқ, арзишу короии он барои оянда ва масъалаҳои дигари марбут ба таҳқиқи ин мавзӯъ равшан карда шудаанд. Муаллифи рисола барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ кӯшишу талоши зиёде кардаву ниҳоят ба муваффақият даст ёфтааст. Нигоҳи иҷмолӣ ба фишурдаи рисола равшан менамояд, ки унвонҷӯ бо аксари осори таҳқиқии марбут ба мавзӯи кори худ ошноии лозим дорад ва дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо баҳрабардории огоҳона доштааст.

Рисола аз нигоҳи сохтор ва дар бар гирифтану ба таҳлил кашидани мавзӯи таҳқиқ комилан ба талаботи илмӣ мувофиқ аст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф бо ин талабот ошноии хуб дорад. Вай кори илмии худро дар заминаи таҳлилу баррасии маводди се асари тасаввуфӣ, ки дар онҳо пораҳои манзум ба кор рафтаанд, ба анҷом расонидааст. Рисола кори хеле судманду боарзиш буда, метавонад ба унвони дастури ёвар дар кори таҳқиқи адабиёти сӯфия мавриди истифодаи ниёзмандон ва муҳаққиқон қарор гирад.

Муҳтавои рисола дар мақолаҳои унвонҷӯ инъикос ёфтаанд, ки ҳама дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ба табъ расидаанд.

Хулоса, рисолаи илмии Раҷабова Марям Садриддиновна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои мансури ирфонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси

10. 01. 01- Адабиёти тоҷик комилан ҷавобгӯи талаботи илмӣ буда, сазовори дарёфти унвони илмӣ мебошад.

Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович,
мудири кафедраи забонҳои Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон, номзади
илми филология, дотсент

Суроғаи электронӣ:
orifjon2216@mail.ru
Tel.: (+992) 908441237

Имзои Ҷ.Ҳ. Ҳикматовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадр ва корҳои
махсуси Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ
Шарипова Д.А.

27.08.2018с.